ГУЛСАРА АВАЗОВА



# СЕБ

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2019

**УДК 821-93+634+82:398**
**ББК 84точик 7-4+83,8+42,355**
**А-21**

**А-21.** Гулсара Авазова . **Себ.** Душанбе, Маориф, 2019. 12 саҳ.

Яке аз амалҳои савоб дар байни мардуми мусалмон ниҳол шинондан аст. Зеро аз ҳосили он парандаҳо, кӯдакон ва мардуми зиёде истифода мекунанд. Илова бар ин, агар дарахт дар сари роҳ бошад, сояи он  мусофирону роҳгузаронро аз нурҳои сӯзони офтоб паноҳ мекунад. Ба ҳамин хотир, шахсе, ки ниҳол мешинонад, солҳои дароз сипос мешунаваду савоб мегирад.

**ISBN 978-99947-1-589-3**

**©Маориф, 2019**

Дар канори роҳ як дарахти себ қомат афрохта буд.

Писараке дар сояи дарахти себ нишаст, то ин ки аз офтоби сӯзон паноҳ барад. Дарахт шохашро афшонду як дона себ афканд.



Писар хурсанд шуд. Себро хӯрд. Аҷаб ширину хуштаъм буд он!

– Раҳмат ба ту, дарахти меҳрубон! Ба некиат некӣ карданиам. Чӣ мехоҳӣ? – гуфт писарак.

– Ту хурсанд шудӣ, раҳмат гуфтӣ, ҳамин кифоя, – ҷавоб дод дарахт.





– Бо вуҷуди ин ба некиат ҷавоб додан мехоҳам.

– Ин тавр бошад, ба одаме, ки маро шинонду нигоҳубин кард, низ раҳмат бигӯ,– гуфт себ.



Ба одаме, ки туро шиноңду нигоҳубин кард, ташаккур,– гуфт писарак.

Ин лаҳза дарахт боз як дона себ партофт.

Писарак ин себи шаҳдборро низ нӯши ҷон кард ва гуфт:

– Раҳмат гуфтан кам аст, дарахти меҳрубон. Бигӯ, ки чӣ кор кунам, то аз хотири ту фаромӯш нашавад?



– Ман ба ту чанд дона мева медиҳам. Себҳоро ба ҷӯраҳоят бурда бидеҳ,– гуфт дарахт ва боз якчанд себ ба писарак афканд.

Писарак себҳоро ба ҷӯраҳояш бурд. Бачаҳо себҳоро хӯрда, ба писарак раҳмат гуфтанд.





– Ба шахсе, ки ин дарахтро шинонда нигоҳубин кардааст, низ ташаккур бигӯед,– гуфт писарак.

– Магар ин дарахт аз шумо нест? – пурсиданд бачаҳо.

– Не, аз мо нест. Дарахти себ дар канори роҳ танҳо аст.

– Себаш бомаза будааст, – гуфт ҷӯрааш.

– Мо ба ивази некии дарахт бояд амале кунем, ки дарахт ҳам аз мо миннатдор бошад.

– Ёфтам, – нидо кард нафаре.

– Чӣ ёфтӣ? – пурсид писарак.

– Ту гуфтӣ, ки ӯ танҳо аст.

– Бале.

– Мо тирамоҳ ё аввали баҳор дар паҳлуи вай ниҳолҳои дигар мешинонем, – ҷавоб дод ҷӯрааш.





– Фикри хуб, – гуфт писарак.

Пас аз чанд сол аз ду ҷониби роҳ дарахтони зиёди мевадор қад афрохтанд. Касе намедонад, ки ин дарахтонро кӣ шинонда ва парвариш кардааст. Вале ҳама медонанд, ки дар сояи онҳо нишаста, меваашонро чашида, ба кӣ ташаккур гуфтан зарур аст.

**ГУЛСАРА АВАЗОВА**

# СЕБ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Н. Салоҳиддинзода |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | З. Саъдуллоев |
| Рассом | З. Давлатшоева |
| Тарроҳон | Ф. Мирзоалиева, В. Казберович |

Муаллифи китоби мазкур ба
Оҷонсии ИМА оид ба Рушди байналмилалӣ (USAID) ва
Фонди Оғохон барои дастгирии молиявиашон дар нашри
ин китоб миннатдории худро изҳор менамояд.
Китоби мазкур дар доираи лоиҳаи «Робитаҳои иқтисодӣ
ва иҷтимоӣ: сохтори молиявӣ барои рушди
соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон»
ба нашр расидааст.

Ба чоп 12. 09. 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 1,5. Адади нашр 7900 нусха.
Супориши № 122/2019

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail. ru

Дар матбааи ҶДММ «Офсет»
ба табъ расидааст.